## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи Бобокалонова Раъно Норбоевна «Хусусиёти луғавию семантикии услуби «Таърихи ҳумоюн» –и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 - забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Омӯзиши забони адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори хаттии фаровон, ки аз ҷиҳати жанрҳои адабӣ ва услуби нигориш гуногунранг аст, барои равшанӣ андохтан ба тамоюли инкишофи забони адабӣ, саҳми қаламкашони ин давра дар рушди забони адабӣ аҳамияти бузурги амалию назариявӣ дорад. Яке аз симоҳои намоёни адабиёти давраи мазкур Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ мебошад, ки дар асари илмӣ - таърихию ҷуғрофии эшон «Таърихи Ҳумоюн» вижагиҳои услуби насри илмӣ-таърихӣ инъикос ёфтааст. Асари мазкур инчунин асари ҷуғрофӣ низ мебошад. Дар баробари аҳамияти таърихию ҷуғрофӣ доштанаш асари мазкур чун намунаи осори хаттӣ вижагиҳои забони адабии он давраро инъикос намуда, истилоҳу вожаҳои гуногунро дар бар гирифтааст, ки барои такмили таркиби луғавии забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ низ муфид арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ мавзӯи рисолаи тақризшаванда мубраму замонавӣ буда, дорои арзиши назариявию амалӣ мебошад.

Муаллиф дар чор боби рисола масоили муҳити таърихии таълиф ва китобати «Таърихи Ҳумоюн» муҳити забонии он даврон хусусиятҳои жанрию услубии асар, корбурди воҳидҳои луғавӣ, корбурди маводи ономастикӣ, корбурди топониму антропонимҳо, хусусиятҳои корбурди воситаҳои семантикию сарфии забон, корбурди ибораю ҷумлаҳои арабиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Дар фишурдаи диссертатсия оид ба корбурди имконоти услубии муродифоти луғавӣ маълумот дода шуда, хулосаҳои назариявии корбурди муродифот ва истилоҳоти наздикмаъно дар асоси маводи асари закришуда пешниҳод гардидааст. Инчунин масъалаи корбурди имконоти услубии

омонимҳо ва антонимҳо (калимаҳои мутазод) мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши ин категорияҳои луғавӣ дар шаклигирии услуби нигориши асари тадқиқшаванда нишон дода шудааст.

Қобили ёдоварист, ки «Таърихи Ҳумоюн» асари ҷуғрофист ва воҳидҳои ономастикӣ дар асар доираи васеи корбурд доранд. Бинобар ин боби сеюми рисола ба таҳлили номҳои хоси асари зикршуда бахшида шудааст. Масъалаи мавқеи корбурди номҳои хос вобаста ба инъикоси воқеаҳо, зикри дахмаву қалъаҳо, зикри номҳои ашхоси асотирӣ ва таърихию воқеӣ таҳлил шуда, антропонимҳо вобаста ба мӯҳтавою мундариҷаашон ба гурӯҳҳо ҷудо шудаанд.

Топонимияи (ҷойномҳои)-и асар аз назари ифодаи мавқеҳои гуногуни табиӣ, маъмурӣ ва маскунӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, аз нигоҳи мансубияти забонӣ, таркиби луғавию семантики ва сохту таркиб таҳлилу барраси шуда, хизмати Гулшанӣ дар сабти номҳои таърихӣ таъкид карда мешавад.

Ҳамин тариқ, диссертацияи Бобокалонова Раъно «Хусусиёти луғавию семантикии услуби «Таърихи Ҳумоюн » -и Муҳаммадсидиқи Гулшанӣ кори ҷиддии илмӣ-тадқиқотӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда ба жарфтар ощноӣ пайдо намудан ва амиқтар таҳқиқ намудани як давраи муҳими таърихӣ забони адабии тоҷик мусоидат мекунад.

Хулосаю натиҷагириҳои муаллиф дақиқ ва итминонбахш буда, аз қобилияти пажӯҳишии ӯ чун забоншиноси дақиқназар шаҳодат медиҳанд. Рисолаи мазкур ҷавобгӯ ба талаботи диссертатсияҳои номзадӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01- забони тоҷикӣ мебошад.

_____________ Назрӣ Офаридаев,

доктори илмҳои филология, профессори

кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии

Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

Имзои Н. Офаридаевро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои ДДХ ба номи М. Назаршоев

______________________ Шабдолов Қ.

Суроға:

ҶТ ВМБК 736000 Хоруғ, к. Шоҳтемур, 109

Тел: 8352222779

E mail:KSU khorog. mail.ru

16.10.2019